# Сафар Абдуллоҳ: Дар бораи кайҳон ҳам нависам, дар бораи Тоҷикистон фикр мекунам

**Бо яке аз пуркортарин олимони тоҷик, доктор Сафар Абдуллоҳ, ки инак, муддати бештар аз 20 сол аст дар хориҷ аз кишвар зиндагонӣ мекунад, қасди сӯҳбати расонаӣ кардам. Ва табиист, ки пайи ҷустуҷӯи саволи нахустин шудам, ки суҳбати моро оғоз бахшад. Ва ёдам аз зимистони сарди соли 1993 омад, ки бо амри тақдир мо тасодуфан дар шаҳри Чорҷӯи Турманистон мулоқот кардем. Вай азми Олматӣ дошт ва мо озими Ишқобод будем. Ин ҳамон зимистони сарде буд, ки даҳҳо ҳазор тоҷикро водор ба тарки меҳан намуда буд.**


Бо гузашти ин бештар 20 сол аз дидори тасодуфӣ мо баргаштем ва ҳоло дар Ватанем. Вале ӯ муқими Олматӣ шуд, дар оғӯши ҳамин шаҳри бузург оромиши эҷодӣ ёфт. Ва беҳтарину хубтарин таълифоти илмиашро дар ҳамин шаҳр кард. Бо гузашти ин беш аз ду даҳсола комёбиҳои илмие дошт, ки агар дар Ватан мебуд, гумон буд ба он даст ёбад. Ин як ҳақиқати рушанест, ки наметавонам аз он сарфи назар кунам, ҳарчанд Сафар Абдуллоҳ такрор ба такрор мегӯяд, ки ин муддат аз Ватан нарафтааст, балки тору пуди вуҷудаш бо Ватан буду мемонад. Ва суоли нахустин ҳам аз ҳамон хуруҷ аз Тоҷикистон буд...

**-Дар гирудори ҳаводиси солҳои 1990, ки беҳтарин мағзҳои соҳибтафаккурро аз Тоҷикистон ба ақсои олам пароканда сохт, Шумо вориди Қазоқистон шудед ва Олматиро чун макони зист қарор додед. Чаро маҳз Олматӣ, на дигар шаҳру на дигар кишвари ИДМ?**

- Олмотиро ихтиёр кардани ман ду сабаб дорад; яке ин ки дар ин шаҳр дӯстоне доштам, ки қадри дӯстро медонанд. Дигар, ман соли 1989 дар як ҳамоиши байналмилалӣ, ки "Поэзия и Экология" ном дошту дар он шахсиятҳои маъруфе аз кишварҳои мухталиф

ҳузур доштанд, (он замон ман дар Маскав кор мекардам) ширкат ва суханронӣ карда будам, ки матни суханронии ман дар маҷалаи "Жалин" ба забони қазоқӣ чоп шуда буд. Ҳамон вақт зебоиҳои Олмотӣ диламро рабуда буд, Олмотӣ ба шаҳри Душанбе, ки ман беҳад дӯсташ медоштам, бисёр шабоҳат дошт. Ҳар ду шаҳр дар домани куҳҳо ва дараҳои зебо ҷойгир шудаанд.

Олмотӣ шояд яке аз зеботарин гӯшаҳои ҷаҳон бошад. Шаҳри бисёр сарсабз ва бузургест, ки дар он ақвоми мухталиф бо чеҳраҳои гуногун ҳамзистии осоишта доранд. Маро баъд аз ҳаводиси нохуш, ки дар кишварамон рух дод, барои идомаи кор ба Маскав даъват карданд; он солҳо ҳаққузаҳмаи моҳонаи як нафар устоди донишгоҳ ва ё як нафар пажуҳишгари аршад дар пажуҳишгоҳ, ҳудуди саду панҷоҳ дулори амрикоӣ буд, вале иҷораи манзил дар Маскав на камтар аз 300 дулор. Соли 1993 ман бо даъвати Мейер Михаил Серафимович раиси институти Осиё ва Африқои вобастаи Донишгоҳи давлатии Маскав ба он ҷо рафтам ва муддати кӯтоҳе дар хонаи Константин Симонов зиндагӣ кардам. Писари Симонов, Алексей Кирилович, ки дӯсти Мейер буд ва Олег Панфилов дар бунёди дифоъ аз ошкорбаёнӣ ҳамкорӣ мекарданд. Панфилов маро муъаррафӣ  кард ва Алексей Симонов пешниҳод намуд, ки муддате дар хонаи мо бимон, то баъдан бароят манзиле иҷора бикунем. Ман аз Худо мехостам чунин пешниҳодро ва бо камоли майл розӣ шудам.

Аз ҳамаи онҳое ки дар он рӯзҳои душвор барои ман ва ҳамватанони дигари мо ёрии хешро дареғ надоштанд, самимона сипосгузор ҳастам ва ҳоло низ бо эшон равобити дӯстона дорам. Аз ҷумла бо Алексей Симонов, ки некии ӯро ҳеч фаромӯш нахоҳам кард. Ӯ баъдан бароям як хонаи хуберо иҷора кард, ки ман Баҳманёрро даъват кардам ва пас аз он ки ман ба Олмотӣ рафтам, муддати зиёд дар ин хона тоҷиконе, ки иҷборан тарки Ватан карда буданд, зиндагӣ карданд. Вале ба Олмотӣ омадани ман асбоби мухталиф дорад, ки ба он ишора кардам ва иҷораи манзил низ дар он солҳо дар Олмоти бисёр арзон буд. Ба Олмотӣ барои меҳмонӣ ва дидорбонӣ аз дӯстонам омада будам ва намедонистам, ки мондагор мешавам. Ман ҳамроҳи дӯстонам Рустам Ҷангужин ва Ролан Сейсенбоев, ки солҳои давраи аспирантура хонданам ва дар институти адабиёт кор карданам бо ҳам дӯсти наздик шуда будем, ба аёдати устод Олжас Сулаймонов, ки солҳои ҳаштодуми қарни гузашта бо эшон равобити дӯстона доштам, рафтем ва ин мулоқот барои ман сарнавиштсоз буд.

Устод Олжас баробари дидани ман хушҳол шуд ва гуфт, ман чанд бор ба телефони Душанбе занг кардам, туро пайдо накардам ва хеле нигарон шудам. Аз аҳволи дӯстонаш пурсид ва аз вазъи кишвар ва рӯшанфикрон. Ман ба таври мухтасар вазъро шарҳ додам ва гуфтам озими Маскав ҳастам. Устод аз ҳолу аҳволи кунуниам пурсид ва гуфт дар куҷо манзил гирифтаам. Гуфтам бо ёрии яке аз дӯстон дар меҳмонсарои "Қазоқистон" барои се рӯз ҷой гирифтем. Устод ҳамон лаҳза ба меҳмонхона телефон кард ва ба раиси меҳмонхона гуфт, ки Сафар Абдуллоҳ дӯсти ман аст, ман даъваташ кардам ва ҳамаи ҳазинаҳояшро дар меҳмонсаро мо пардохт хоҳем кард. Ин буд, ки ман ва бародарам Ҳусейн ҳудуди  се моҳ дар он меҳмонхона мондем ва ҳазинаҳояшро устод Олжас аз тариқи ширкате пардохт намуд.

Қиссаи дар Олмотӣ ба кор даъват шудани ман низ ҷолиб аст. Рӯзе устод Олжас гуфт, ки Олмотиро чӣ гуна ёфтӣ? Гуфтам хеле хушам меояд аз ин шаҳр. Ба Душанбе монанд аст, вале бузургтар... Гуфт, пас ин ҷо бимон. Маскав ҳоло дигар, чунон ки қаблан буд, хушоянд нест, маълум ҳам нест, фардо чӣ мешавад. Гуфтам, ман бояд кор бикунам. Гуфт, чӣ кор мехоҳӣ бикунӣ? Гуфтам ман тамоми умр ба кори пажӯҳишу омӯзиш машғул будам. Дар Душанбе пажуҳишгари аршад дар пажуҳишгоҳи ховаршиносӣ будам. Эшон гӯширо бардошт ва бо касе сӯҳбат мекарду аз ман таъриф мекард ва дар охир гуфт, ҳоло бигӯ, ки Академии Ъулуми Қазоқистон ба чунин корманде ниёз дорад? Баъдан фаҳмидам, ки эшон бо раиси вақти Академи Ъулум оқои Султонғозин суҳбат кардаанд ва ӯ дар ҷавоб гуфтааст, ки ҳоло ман раиси пажуҳишгоҳи ховаршиносиро ба наздатон мефиристам, онҳоро ошно бикунед.

Пас аз муддате нафаре вориди утоқ шуд ва ба ман нигоҳ карду гуфт: Наход ин Сафар бошад. Дидам, Ерден Қажибеков аст, ки аз ошноён ва ҳамсолони мост ва дар институи забоншиносии Академии Улуми Иттиҳоди Шӯравӣ дар риштаи забонҳои туркӣ поённомаи докторӣ дифоъ карда буд. Бо ҳам салому алек кардем ва устод хушҳол шуд,ки мо якдигарро мешиносем. Ерден он замон раиси маркази ховаршиносӣ буд, ки ин марказ вобастаи Институи Уйғуршиносӣ буд. Ҳамин тавр ман корманди ин марказ шудам ва ҳамин тавр сарнавишт бо ман коре кард, ки дар ин диёр бимонам ва фаъолиятҳои илмӣ пажуҳишии худро идома диҳам. Вале ман, агар дар ҳар кучое аз гӯшаи замин зиндагӣ кунам, лаҳзае бе ёди Ватан набудаам ва ҳаргиз масъулияти инсонӣ ва миллии хешро аз ёд набурдаам. Кушиш кардаам, ки сазовор ва номбардори фарҳангу тамаддуни беназирамон бошам...

**Мешавад курсиеро ишғол кард, вале ҳаргиз ҷойи касеро наметавон гирифт**

**-Тақрибан ҳамаи касоне, ки рафта буданд, манзур аҳли илму адаб, баргаштанд. Вале Шумо  дар Олматӣ мондед ва ба гумонам ҳоло ҳам дар фикри бозгашт нестед. Чаро?**



-Аввалан, чунин нест, шояд касонеро, ки Шумо мешиносед, баргаштанд, вале ман даҳҳо нафар аз ҳамватанонамонро медонам,

ки дур аз меҳан фаъолият мекунанд ва барнагаштаанд. Барнагаштани эшон далоили зиёде дорад ва муҳимтарин далел ин аст, ки дар кишвари хеш барои идомаи фаъолиятҳои ҳирфаии худ, ки аз натоиҷи он тавонанд лаззат бибаранд ва зиндагии хешро пеш баранд, имконоти лозима надоранд!

Дар ин муддат донишгоҳҳо ва пажӯҳишгоҳҳоро низ мисли вазоратхонаҳо ва корхонаҳо афроди тасодуфӣ ғасб карданд ва дар натиҷа сатҳи ъилму донишу омӯзиш дар кишварамон ба маротиб пойин омад. Мисоли оддӣ ,аз як рустои ноҳияи Панҷекат ҳудуди 60 то 70 нафар муъаллими соҳиби ихтисос, ба хотири ба даст овардани қути лоямут ва таъмини хонаводаашон, ватанро тарк карданд ва дар Руссия кору зиндагии сангинро бар дӯш гирифтанд. Вале дар ҳамон русто ва дар ҳамон ноҳия камбуди омӯзгор маҳсус аст! Дар мактабҳо афроде тадрис мекунанд, ки салоҳияти онро надоранд! Беҳтарин пизишконе, ки ватанро тарк карданд, барнагаштанд. Бузургтарин пизишки уроложии атфол Аъзам Тоҳирович Пулодов иҷборӣ ватанро тарк кард ва пас аз муддате кору зиндагӣ дар дар ҳаволии шаҳри Маскав ба ёди Ватани хеш ҷон ба Ҷонофарин супурд. Дар ҳоли ҳозир беҳтарин пизишкони мо хориҷ аз кишвар ҳастанд ва ъуламои бузург ва мутахассисон низ.

Барои ман гуворо буд, вақте аз тариқи телевизиони саросарии Русия аз забони ҷарроҳи машҳуре мисли Лео Бакерия бишнавам, ки мегуфт беҳтарин анестизиологи мо тоҷик аст! Дар матбуоти русӣ дар бораи даҳҳо тан аз пизишкони хуби Русия, ки тоҷик ҳастанд ва фориғуттаҳсили донишгоҳи Буъали Синои Душанбе будаанд, матолибе интишор шуда аст, ки мояи ифтихори мо ҳастанд! Ин ҳамон донишгоҳе ҳаст, ки дар замони раёсати Баширхон Исҳоқӣ рушд кард ва ба яке аз донишгоҳҳои беҳтарини он рӯзгори Шӯравӣ табдил ёфт, ҳамон донишгоҳест, ки раису муовинашро ваҳшиёна куштанд ва фикр ҳам накарданд, ки бузургмардонеро мисли Баширхон Исҳоқӣ ва Минҳоҷ Ғуломов дигар наметавон пайдо кард! Мешавад курсиеро ишғол кард, вале ҳаргиз ҷойи касеро наметавон гирифт! Ҷой ва ҷойгоҳ курсӣ нест, мансаб нест, чизест болотар аз ин. Ин аст, ки ҷойи бузургон ҳамеша холист! Дар ъулуми инсонӣ низ ман даҳҳо тан аз тоҷиконро медонам, ки дар кишварҳои гуногун зиндагӣ мекунанд ва кори хешро пеш мебаранд.

Ман ҳамеша бо меҳанам будаам ва ҳастам ва ба қавли яке аз дӯстони қазоқиам, Саидаҳмади Қутиқадам, агар ман дар бораи кайҳон ҳам нависам, нохудогоҳ дар бораи Тоҷикистон фикр мекунам. Ҳоло дар ин ҷо устоди донишгоҳ ҳастам ва пажуҳишҳоеро анҷом медиҳам, ки ҳама ба наҳве ба фарҳангу тамаддуни мо иртибот дорад. Ҳамчунин бо ёрию дастгирии устод Олжас Сулаймонов як интишороти кучакеро роҳандозӣ кардем, ки раёсати он низ бар души ман аст ва ҳадафи мо интишори беҳтарин шоҳкорҳои адабиёти ҷаҳон мебошад. Умедворам чанд ҷилд ба адабиёти мо ихтисос хоҳад ёфт.

Нашри гулчини осори Рудакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Ҳофиз, Хайём, Саъдӣ, Мавлоно ва ғайраро дар назар дорем. То кунун чопи осори мунтахаби устод Муъмин Қаноъат ва устод Тимур Зулфиқоровро анҷом додаем. Ман чанд сол пеш маҷаллаи илмии ховаршиносиеро таҳти унвони "Иран Наме" роҳандозӣ кардам, ки то кунун 28 шумора аз ин маҷалла дастраси мутахассисин шуда аст. Ба ин кор бисёр арҷ мегузорам ва фикр

мекунам,ин маҷалла беҳтарин майдонест, барои табодули андешаҳои илмӣ ва таърихӣ дар минтақа. Хушбахтона, маҷаллаи мо аз сӯйи беҳтарин ховаршиносон баҳои баланд гирифта, ки дар ин бора борҳо дар матбуоти кишварҳои мухталиф матолибе ба чоп расида аст. Ва фикр намекунам, ки Тоҷикистони кунунӣ ба ман ниёз дошта бошад...

Ахиран, дар ин даврони бесарусомонӣ ва ноогоҳиҳо теъдоди касоне ки аслан инкора нестанд, даргоҳи муқаддаси ъилмро ғасб карданд ва аз роҳҳои номашруъ соҳиби ъановини ъилмӣ ва ҷавоизи давлатӣ шудаанд ва дар чунин шароит кор барои ъолимони воқеъӣ сангин шуда аст! Пажӯҳишҳои шабеҳи ъилм бар ъилм чира шуда аст ва дар ҳоли рушд аст ва ба ёдам ҳикмати ҷолибе,меояд,ки дар ҷое хонда будам:,"Пора зашишать  науку от докторов наук"! (Замоне фаро расида ки ъилмро аз ҳуҷуми докторҳои ъилм дифоъ кунем!)...

**Донишгоҳҳои Тоҷикистон бояд бахши туркшиносӣ дошта бошанд**

**- Ҳатто аз феҳристи мухтасари пажуҳишҳои илмиатон пайдост, ки зарфи  бештар аз бист соли муҳоҷират Шумо хеле фаъолияти пурсамар доштед. Ин чӣ гуна ба Шумо даст дод. Гирем, ки ватани бегона, забону урфу одати бегона ва муҳити бегона. Аммо Шумо тавонистед дар ҳамин муҳити бароятон бегона корҳои басо шоистаро анҷом диҳед. Инро чӣ гуна метавон шарҳ дод?**

- Сипосгузорам аз лутфатон, вале ман чандон  бо ин андеша мувофиқ нестам ва чарояшро тавзеҳ медиҳам. Бидуни тардид, агар ман дар кишварамон будам ва оромӣ буд ва шароити лозима барои пажӯҳишҳои илмӣ ва фарҳангӣ фароҳам меомад, ба маротиб бештар кор мекардам. Барои анҷоми пажӯҳишҳои илмии воқеъӣ (манзурам на дарёфти ъановини ъилмӣ аст, ки охиран бисёре аз касоне ки ба ъилми ростин  иртиботе надоранд, соҳиб шуданд!) бетардид фурсати лозима ва шароити мусоъид зарур аст. Ман барои он ки дар ин диёр ҷой ва мавқеъе пайдо бикунам, бояд талоши зиёде мекардам, худро нишон диҳам, ки аз дастам коре бармеояд.

Ва ҳамчунин барои он ки ман тавонам кору зиндагӣ бикунам, бояст аз ҷое ҳазинаҳои зиндагиамро таъмин бикунам. Хулоса бароям ин солҳо бисёр ба сангинӣ сипарӣ шуд. Моҳонае, ки дар оғози солҳои навадум аз пажӯҳишгоҳи Ховаршиносӣ дарёфт мекардам, бисёр ночиз буд, ки ҳатто барои наҳори як нафар кофӣ набуд. Ман бояд коре мекардам, ки ҳам худам ва ҳам бастагонамро таъмин кунам. Дуруст аст, ки ба ман дӯстонам ёрӣ мерасониданд, вале мард наметавонад ҳамеша бори зиндагиашро бар дӯши дигарон вогузор кунад.

Солҳое, ки дар Маскав таҷриба меомӯхтам, мехондам ва кор мекардам пайваста ба мутолиъа машғул будам ва худамро барои корҳои ҷиддии пажӯҳишӣ омода мекардам ва орзу доштам, ки дар кишварамон ба корҳои ъилмӣ ва омӯзишӣ бипардозам ва ҷавононеро барои фарогирии донишҳои теорӣ, ки бидуни он ъилми воқеъӣ номумкин аст, омода созам. Вале, чунонки медонед, ҳаводиси даҳшатборе пеш омад ва он чи аз сари мо гузашт, Худо донаду бас ва эй кош ҳеч гоҳе такрор нашавад...Ва ҳамин тавр "туфони ҳаводис" маро ба шаҳри Олмотӣ бурд...

.Бархе ҳаводиси ногаҳонӣ низ дар зиндагии инсонҳо асар дорад. Як рӯз маро даъват карданд, ки ҳамроҳи раиси пажӯҳишгоҳамон зуд ба бинои маркази Академии Ъулум биравем, ки чанд тан аз ҳайати раисаи Академӣ бо сарварии муовини раис интизор ҳастанд. Гуфтанд, вазири умури хориҷии Эрон оқои доктор Вилоятӣ меояд ва оё мумкин аст, ки як нафар аз ъолимони мо эшонро ба забони худаш хайра мақдам бигӯяд ва баъд тарҷумаро низ худамон анҷом диҳем. Фаҳмидам,ки маро ба ҳамин мақсад даъват карда буданд. Табиист, ки розӣ шудам ва ҳангоме ки оқои Вилоятӣ ва ҳайати эронӣ ба Академӣ омаданд, ба забони модариамон хуш омадед гуфтам ва музокироташонро бо масъулини Академӣ низ тарҷума кардам. Пас аз анҷоми мулоқот оқои доктор Вилоятӣ пеш омад ва дасти маро гирифт ва суол кард:

**Оқои доктур, Шумо эронӣ ҳастед?**

-Гуфтам, оре, тоҷикам!

Аз ин посух хушаш омад ва дасти маро ба дасти сафири вақти Эрон оқои Расули Исломӣ дод ва гуфт, ин дастро раҳо накун... Сафири Эрон чанд бор маро даъват кард, ки бо сафорат ҳамкорӣ бикунам ва ман дар оғоз бо баҳонаҳое рад мекардам ва чунин мепиндоштам, ки бояд кори пажӯҳишӣ кунам, на кори тарҷума... Эшон мегуфт, ин ҷо фақат тарҷума нест, кори Шумо ҳолати мушовираро дорад ва дар канори он мулоқотҳои расмии муҳимро тарҷума мекунед. Он замон як хонаи якутоқаро устод Олжас бароям иҷора карда буд, ки ман бо бародарам Ҳусейн мезистем ва хонаи умеди хеле аз тоҷикҳои "овора" низ буд, ки аз куҷое маро пайдо мекарданд ва ёрӣ мехостанд ва он ҷо як сарпаноҳе буд...

Гоҳе дар ҳамон як утоқ то даҳ нафар шабро рӯз мекардем... Вале зиндагӣ маҷбурам кард, ки даъвати сафири Эронро бипазирам. Ва аз авоили соли 1993 то замоне, ки сафорати Эрон ба шаҳри Остона интиқол ёфт ҳамзамон ҳам корманди пажӯҳишгоҳи ховаршиносӣ будам, ҳам дар сафорати Эрон кор мекардам ва ҳам дар донишгоҳ тадрис мекардам. Ва кам-кам дигар аз гирифториҳои моддӣ раҳойӣ ёфтам ва ҳазинаҳои зиндагии худам ва бастагонамро таъмин мекардам ва ҳам барои иҷораи манзили сеутоқа имкон пайдо кардам ва ҳам дар ҳадди имкон ба ниёзмандоне дасти ёри дароз мекардам... Ва ҳар коре, ки дар ин муддат дар заминаҳои пажӯҳишӣ анҷом додам, ҳама аз ҳисоби хоб ва рӯзҳои истироҳатии ман буда, ки талош мекардам алорағми мушкилиҳо пажӯҳиш ва мутолиъаро идома бидиҳам.

Пажӯҳишҳои илмии ман на ҳамеша марбут ба он будааст, ки дилам мехост... Аз оғози фаъолияти хеш дар Қазоқистон пешниҳод кардам, ки мехоҳам пажӯҳишҳои худро дар заминаи ҳамосаҳои миллӣ ва ба вежа "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ идома бидиҳам. Вале эҳсос кардам, ки аз як суи алоқамандӣ надоранд, аз суйи дигар гуфтанд, ки ҳарчӣ пажӯҳише, ки анҷом шавад, бояд аз ҷиҳоте ба Қазоқистон марбут бошад. Ва ҳар коре ки анҷом медодем, тибқи барномаҳои пажуҳишгоҳ буд.

Ман нахуст китоби андешаҳои Обой шоъири бузурги қазоқро аз забони қазоқӣ (бо кумаки забоншиноси қазоқ професор Ибатов, ки гоҳе нукоте, ки бароям торик буд, ба забони русӣ шарҳ мекард) ба порсӣ тарҷума кардам ва аз хоҳаракам Фарзона шоъири

миллии мо, хоҳиш кардам, ки ашъори ин шоъирро, аз тарҷумаҳои таҳтулафз ба шеъри порсӣ дароваранд. Ин кор анҷом шуд ва соли 1995 дар Теҳрон интишор ёфт. Ин китоб ҳам дар Эрон ва ҳам дар Қазоқистон баҳои баланд гирифт. Ҳанӯз ин тарҷума дар меҳанамон бо хати русӣ баргардон ва интишор нашуда аст.

Албатта ин корро ман бо ишқу алоқаи шахсӣ ва ба эҳтироми дӯстони қазоқиам анҷом додам, ки ҳеч рабте ба пажӯҳишҳои ъилмии ман надорад. Ва чунонки ишора кардам, агар Шумо дар меҳанатон ба он чӣ ки дилбастагӣ доред ва ба мавзӯъе ки худро омода кардаед, тавонед машғули таҳқиқ шавед, хориҷ аз меҳан ин кор сангинтар аст. Ва коре, ки дилатон мехоҳад, бояд аз ҳисоби хоб ва рӯзҳои таътилӣ ва истироҳат анҷом диҳед. Ва ағлаби корҳои пажӯҳишии ман чунин аст.

Масалан, мо дар вақту фазое зиндагӣ мекунем, ки таърихро таҳриф кардан, ба мероси фарҳангии мо даст ёзидан, сапедро сиёҳу сиёҳро сапед гуфтан як кори маъмулӣ шуда аст! Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, ки бисёре аз ақвоми ҳамсояи мо ва Қафқоз ва дигарон аз пайи ҳувиятҷӯйӣ шуданд, кор ба ҷое расид, ки тақрибан дар ҳама ҷо, таърихро воруна нишон медоданд ва ағлаб талош мекарданд, ки қавми худро қадимитар ва деринатар аз дигарон нишон диҳанд.

Чун Осиёи Миёна ва Қафқоз аз дер замон зодбуми ақвоми эронӣ буда ва дар замони Ҳахоманишиён ва то ҳамлаи аъроби биёбонгард ин сарзаминҳо ҷузъи се императории бузурги ниёкони мо будаанд ва дар давраи исломӣ низ бисёре аз ин ақвом исломро аз тариқи ниёкони мо пазируфтаанд, табиист, ки дар ин ҳавзаҳои таърихӣ Шумо ҳар лаҳза ҷойи пои фарҳанг ва тамаддуни моро эҳсос мекунед. Ин таъсирро дар забонҳои мантақа, дар адабиёти катбии ақвоми минтақа ва дар мутолиъаи таърихи минтақа ба таври возеҳ мебинем. Ман ҳоло ба ин натиҷа расидам, ки хеле ҷойи таассуф аст, ки дар Тоҷикистон дар донишгоҳҳо бахши туркшиносӣ роҳандозӣ нашуда аст.

Мо бояд, пеш аз ҳама, таърих ва фарҳанги ақвоми турки минтақаро ба таври ҷиддӣ мутолиъа бикунем ва дар ин замина коршиносони ҳирфаӣ дошта бошем. Зеро беш аз ҳазор сол мо бо ҳамсояҳои туркамон доду ситад ва рафтуомад доштаем ва ҳудуди ҳазор сол подшоҳони мо аз қабоили турку муғул будаанд. Ва ин нукта аз як суй қобили тааммул аст, аз сӯйи дигар сазовори мутолиъа ва баррасиҳои ҷиддии ъилмӣ мебошад... Ҳамчунин бетардид бояд ҳамсоягонамонро ба дурустӣ бишносем, то тавонем, ки тавсиъаи ҳамкориҳо ва ҳамёриҳоро ба дурустӣ роҳандозӣ бикунем! Бидуни иртиботи хуб бо ҳамсоягони наздик пешрафт ва тавсиъа имконпазир намебошад.

Ман тарҳеро бо номи "Равобити мутақобили таърихӣ ва фарҳангии Эрон ва Дашти Қипчоқ" пешниҳод намудам, аз тарафи дӯстони эрониам ҳимоят шуд ва муштаракан бо пажӯҳишгоҳи Ховаршиносии Қазоқистон ва маркази аснод ва таърихи диплумосии Вазорати умури хориҷии Эрон чанд ҳамоиши байналмилалӣ баргузор намудем, ки дар он ъуламое аз Эрон, Русия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ширкат карданд ва матолиби ин ҳамоишҳо дар маҷмӯъаҳое бо ҳамин ном ба забони русӣ дар Олмотӣ ва порсӣ дар Эрон ба чоп расида аст.Чун кори ташкилӣ ва тарҷумаи ҳамоишҳо ва матолиби мазкур ва тадвину таҳияи ин маҷмӯъаҳо бар дӯши ман буд, талош кардаам, ки ъолимони воқеъӣ ва мутахассисон ширкат варзанд ва ҳадди инсоф ва ъилм муроъот шавад. Дигар

аз корҳое ки ман анҷом додам, китоби "Ҷодуии Наврӯз" ё "Наврӯз ҳадяи Эрон ба ҷаҳон" аст, ки соли 2007 ба забони русӣ дар шаҳри Олмотӣ ба чоп расид.

Сабаби аслии падид омадани ин китоб ин буд, ки солҳои навадуми қарни гузашта ва дар оғози ҳазораи ҷадид, матолибе пайдо шуд, ки Наврӯз аслан ба эрониён (тоҷикон) иртиботе надорад ва ин ки номаш форсӣ аст, гувоҳи эронӣ будани он нест ва ҳарзаҳое амсоли ин... Ва ҳатто ман як тақвимеро ҳам нигоҳ доштаам, ки дар он Наврӯзро ҷашни миллии туркон хондаанд, ки дигарон аз эшон пазируфтаанд. Дар ин мавриد баҳс кардан дар матбуот бо ин тоифаи "ҳамадон" фоидае надошт. Ва тасмим гирифтам, ки муҳимтарин иттилоъоти таърихиро бояд гирдоварӣ кард ва ба чоп расонид. Ман ба мутолиъаи мутолиби марбута пардохтам ва ҳарчи то он замон ба забони русӣ интишор шуда буд ва арзиши ъилмӣ дошт, мунтахабан гирифтам ва бархе матолибро аз форсӣ ба забони русӣ тарҷума кардам ва ин китобро тадвин намудам.

Ба оқои доктор Муҳаммади Хотамӣ, ки сиёсатмадори бузург ва донишманди камназир ҳам ҳаст ва то он дам ман ду-се китоби ӯро хонда будам ва як китобашро барои чоп ба забони русӣ омода карда будам, ки таҳти унвони "Гуфтугӯи Тамаддунҳо" дар Олмотӣ ба чоп расидааст, аз тариқи дӯстони эронием номае навиштам ва муҳтавои китобро шарҳ додам ва хостам эшон чанд сатре ба унвони пешгуфтор ба ин китоб бинвисанд. Посухи эшон тӯл накашид ва ба зудӣ паёме дарёфт кардам, ки эшон аз банда қадрдонӣ кардаанд ва чанд сатре ба унвони пешгуфтор низ навиштаанд. Ин китоб бо пешгуфтори оқои Хотамӣ интишор ёфт ва хушҳолам, ки ҳоло тақрибан дар саросари шӯравии собиқ Наврӯзро ҷашн мегиранд ва тибқи номаҳое, ки дарёфт мекунам аз матолиби он китоб истифода мекунанд. Умедворам ин китобро бо таҳриру такмил дубора нашр бикунам.

Дар ин китоб матолибе аз Абурайҳони Берунию Умари Хайём ва муҳаққиқони қарнҳои нуздаҳу бист гирдоварӣ шудааст. Дар маросими рӯнамойи ин китоб, ки ҳамзамон бо ҳамоиши байналмилалии матбуот (Медиа Форум), дар китобхонаи миллӣ баргузор шуд, оқои Саид Муҳаммади Хотамӣ ва оқои доктор Абдуллоҳ Аблуллоҳ вазири умури хориҷии собиқи Афғонистон низ ширкат намуданд ва аз баракати ҳузури эшон он қадар афроди зиёде аз чеҳраҳои фарҳангию иҷтимоъию сиёсӣ ширкат карданд, ки боъиси машҳур шудани китоб низ шуд ва ҳоло номаҳое зиёде аз кишварҳои мухталиф дарёфт мекунам, ки дар онҳо тақозо мекунанд, ки нусхае аз ин китоб барояшон таҳия бикунам.

**Тоҷик бо он таърихи пуршукуҳ ва пуштувонаҳои фарҳангӣ ҳақ надорад, заъиф бошад**

**- Шумо аз мураттибон ва пажуҳишгарони муваффақи осори шоъири бузурги қазоқ Олжас Сулаймонов ҳастед. Магар касоне аз миёни қазоқҳо набуданд, ки бори ин заҳматро бикашанд, ки бар души шумо уфтод? Мо ҳамчунин медонем, ки сарсухани шумо бо номи "Шоир ва Шаҳрванд" бар мунтахаби ҳафтҷилдаи осори Олжас Сулеймонов чанд бор чоп шуд ва муҳақиқони осори шоъир ба он истинод мекунанд. Эҳсос накардед, ки баъди ин ба шумо касе рашк карда бошад. Ба ҳар ҳол шумо ҳатто қазоқи Тоҷикистон нестед, балки тоҷикед, ки дар шинохти адиби машҳури қазоқ муваффақ шудаед?**

-Бубинед, касоне ки аз назарияи адабиёт огаҳӣ доранд, медонанд, ки барои арзёбии адабиёт, яъне он чизе ки мо моли адабиёт мехонем, муҳим матн аст ва адабиётшинос матнеро, ки мутолиъа мекунад арзёбӣ мекунад ва аз кадом миллат будан, дар ин маврид маънӣ надора. Беҳтарин китобҳоро дар бораи бузургони адабиёти мо хориҷиён таълиф кардаанд, на тоҷикон! Адабиётшиноси бузурги рус Михаил Бахтин беҳтарин китобро дар бораи Франсуа Рабле навишта буд.

Мегӯянд, ки фарансавиҳо аз ӯ мепурсанд, ки Шумо, ки фарансавӣ нестед, чӣ гуна тавонистед, чунин пажӯҳиши жарфро дар бораи як нависандаи фарансавӣ анҷом бидиҳед? Ӯ посух медиҳад, ки ман осори Раблеро бо диққати тамом хондам. Суол карданд, ки боз чӣ кор кардед, ки тавонистед чунин китоби бемислеро бинвисед, ӯ посух дод, ки боз ҳам осори Раблеро хондам... Масъала ин аст, ки сарнавишт маро ба ин диёр овард ва устод Олжас Сулаймонов барои ман дар сангинтарин рӯзгор он қадр ёрӣ расонидааст, ки то зиндаам сипосгузор хоҳам буд.

Аз пирамардони рустоии тоҷик шунидаам, ки мегуфтанд, ҳар касе ба Шумо бадӣ кунад, кӯшиш кунед, онро фаромӯш кунед, ки дар ёд нигаҳ доштани бадӣ некӣ намеорад, вале агар ҳар касе барои Шумо заррае некӣ карда бошад, ҳаргиз аз ёд набаред. Ман муҳаббат ва ёриҳои моддию маънавие, ки аз ҳар касе ба ман расида ҳаргиз фаромӯш нахоҳам кард! Албатта, осори устод Олжасро дар замони шӯравӣ мехондам ва дар рисолаам, ки сунани ҳамосаҳои миллӣ дар шеъри муъосир буд, бархе аз достонҳои ӯро бо достонҳои устод Муъмин Қаноъат муқоиса кардаам. Ва аз бархе корҳое, ки ӯ дар он рӯзгор мекард ва ҷасорати ӯ дар ҳайрат будам.

Ҳеч кас аз нависандагони шӯравии собиқ дар пояи ӯ бо ҷасорати тамом аз манофеъи миллии ақвом дифоъ накарда аст. Ӯ буд, ки мегуфт шоъирон бояст шарафу номуси миллиро дар рӯҳи мардум ҷой кунанд. Ӯ яке аз бузургтарин шоъирони миллигарои қазоқ буд, ки беҳтарин андешаҳои инсонӣ ва миллиро ба забони русӣ ва бо ҷасорати бемисл ба мардум пешкаш мекард. Ман ошиқи чунин ҷасорати ҳунарӣ ва инсонии ӯ будам, ки дар ин бора ба таври муфассал дар китобе, ки ҳанӯз чоп накардаам, навиштаам. Гузашта аз ин, одамият ва ҷавонмардии ӯро борҳо шоҳид будаам.

**(давом дорад)**

**Мусоҳиб Бобоҷони Шафеъ, «Рӯзгор»**

**Бознашр аз ҳафтаномаи «Рӯзгор» №7-8, 19-26 феврали соли 2014**

# Сафар Абдуллоҳ: Қадимитарин дастхати "Нафаҳот ул Унс" -и Ҷомӣ дар Қазоқистон аст

**Давроне, ки ман дар Маскав будам ёрии амалии ӯро ба намояндагони ақвоми гуногун борҳо шоҳид будаам, ба Тимур Зулфиқорови тоҷик, ба Магамед**

**Алиеви доғистонӣ, ба Борис Ряховскии рус ва ба даҳҳо тан шоъирону нависандагони дигар ёриашро дидаам. Яъне, мақсад аз овардани ин ёддоштҳо ин аст, ки бигӯям, нисбат ба осораш ва шахсияташ бетараф набудаам ва ин аст, ки бо камоли майл дар ҳадди тавони хеш барои тадвину ба чоп омода кардани осораш саҳме доштаам.**


Вақте устод дар Италиё сафир буд, тасмим гирифтам, ки бояд осори ӯро гирдоварӣ бикунам ва мунтахаби онро барои чоп омода созам. Ва ин корро анҷом додам ва осори мунтахаби ӯро дар ҳашт китоб ва ҳафт ҷилд дар нашриёти "Отамура" (яъне "Мероси ниёкон")-и Олмотӣ ба чоп расонидам. Дар маросими муъарифии ин мунтахаб солуни бузурги китобхонаи миллии Қазоқистон ва роҳравҳо пур аз мардум буд ва беҳтарин намояндагони ъилму фарҳанг ширкат доштанд.

Дар ин ҳамоиш устод Олжас ва бархе шахсиятҳои дигар аз ман сипосгузорӣ карданд ва барои ман гуворо буд, ки мегуфтанд тоҷикон дар дарознои таърих ҳамеша ъилму фарҳанг ва маънавиятро интишор кардаанду ва ҳоло ҳам чунин корҳоро беҳтар аз дигарон анҷом медиҳанд... Баъдан боз чанд маҷмӯъае аз осори устод Олжас Сулаймоноврo ман барои чоп омода кардам ва ба онҳо пешгуфтор навиштаам. То кунун осори зиёде аз эшон ба сурати ашъор, мақолаҳои ҷудогона, гузоришҳои мухталиф, мусоҳибаҳо дар ин сую он суйи ҷаҳон интишор шуда ва касе таваҷҷуҳе накарда буд, ки онҳоро гирдоварӣ намояд ва ба сурати китоб даровaрад.

Ман вазифаи худ донистам, ки ин корро анҷом диҳам. Ҳатто як китоби устод Олжасро, ки се бор интишор ёфт, устод чанд бор аз тариқи матбуот эълом кард, ки агар фалонӣ набуд, худам ҳам намедонистам, ки чунин китобе дорам. Ин китоб "Но, людям я не лгал..." ном дорад, ки мисраъи худи шоъир аст. Вақте ман осори мунтахабашро омода мекардам, эҳсос намудам, ки устод Олжас марди мутафаккир аст ва андешаҳояш саршор аз ҳикмат аст. Забонаш забони истиъора аст. Аз маҷоз ва киноя ба хубӣ истифода мекунад.

Ман барои худам ҷумлаҳо, таъбирҳо, бандҳои ҳакимонаро дар дафтаре навиштам, баъд дидам, ки ин ҳикматҳоро, ки ман аз матни суханрониҳо, мақолот ва ё сӯҳбатҳои ӯ иқтибос намудаам, бисёр ҷолиб ва хонданӣ аст. Бархе аз андешаҳои муҳимро эшон 40-50 сол пештар гуфта буд, ва бархеро худаш ҳам фаромӯш карда буд, вале он суханҳо имрӯз ҳам ба дарди мардум мехурад ва дархури ниёзҳои ҳамешагии башарият аст! Ин китобро ду бор ба чоп расондем.

Ва яке аз бонкҳои маъруфи  Қазоқистон бо ҳамкории мо, бо ороиши зебо ва бо истифода аз беҳтарин коғаз ва ҷилди махсус аз чарм чоп кард ва ба меҳмонҳои бонк ҳадя мекунад. Ҳамчунин, чунонки ишора кардам, бо устод Олжас мо як интишороти кучаке бо номи "Китобхонаи Олжас" таъсис намудем, ки барои нашри беҳтарин шоҳкорҳои адабиёти ҷаҳон ихтисос додаем...

Хулоса дӯстии мо ба ҳамкорӣ ва ҳамёрӣ табдил ёфт ва устод Олжас ҳамеша ба тоҷикону тоҷикистон эҳтиром дошта бо устод Мирзо Турсунзода,  Тимур Зулфиқоруф, Марат Орифов, устод Муъмин Қаноъат, хонум Гулрухсор, Қутби Киром, Лоиқ Шеръалӣ равобити дӯстона доштааст. Дар сӯҳбатҳое, ки бо ҳам доштаем дар бораи сафарҳояш ба Тоҷикистон ва равобиташ бо тоҷикон бисёр бо муҳаббат ёд мекунад. Дар ин бора умедворам дар китобе, ки мехоҳам дар бораи ӯ бинвисам, таҳти унвони Олжас ва Тоҷикистон бахшеро ихтисос бидиҳам.

Бо ҳам сафарҳои аҷибе ба Эрон ва Озорбойҷон, Санк Петербург ва шаҳрҳои мухталифи Қазоқистон доштаем, ки дар ин бора низ дар фурсате муносиб хоҳам навишт...Дар мавриди рашк бояд ёдовар шавем,ки ин масъала фаромиллӣ ва фароминтақаӣ мебошад ва дар ҳама ҷой ҳаст ва бояд онро нодида гирем. Зеро касоне ки дар дили худ ъишқро ҷой мекунанд, барои рашку ҳасад, ҷое намемонад. Боре бо устод Олжас наҳор мехӯрдем, ки касе ба телефони ҳамроҳи эшон занг зад ва аз мақолаи ман, ки ҳамон рӯзҳо дар ҳафтаномаи "Қазоқ Адабиёти" чоп шуда буд, таъриф мекард ва мегуфт "чаро бачаҳои мо наметавонанд, чунин матлаб бинвисанд?" Посухи устод чунин буд, Шумо чӣ мехоҳед, фаромӯш накунем, ки ӯ пуштувонае бузург бо номи адабиёти порсӣ дорад! (За ним великая персидская литература!).

Баъд ба ман гуфтанд, ки шинохтӣ, ин фалонӣ буд... Аз ин ҳарфи устод Олжас ман чунин натиҷа гирифтам, ки тоҷик бо он таърихи пуршукуҳ ва пуштувонаҳои фарҳангӣ ва адабие,  ки дорад, ҳақ надорад, заъиф бошад ва ҳар қаламандозро ба унвони моли ъилм ё адабиёт пешкаш кунад. Яъне мо дар назди фарҳанги бузурги хеш масъулият дорем ва набояд инро фаромӯш кунем. Муҳим нест, дар куҷо зиндагӣ мекунем, ҳамаи порсизабононе, ки кори ъилм ва адабро бар дӯш доранд, бояд дар ёд дошта бошанд, ки ин бори сангин ва масъулияти гарон аст ва агар мо ворисони он тамаддун ва фарҳанги беназир ҳастем, бояд сазовори он низ бошем, варна набошем беҳтар! Чунонки устод Лоиқ мефармуд: Ё тири замин шавем, ё зери замин!

Албатта, дар бораи устод Олжас дар Қазоқистон ва ҳатто кишварҳои мухталиф, масалан, Озорбойҷон, Русия, Украин ва ғайра рисолаҳои фаровоне навиштаанд ва китобҳое чоп кардаанд. Шояд бидуни ман ҳам ин корҳо дер ё зуд анҷом мешуд. Вале ба ивази ҳама некиҳое, ки устод барои ман карда, ман хостам коре аз дастам меояд, барояш анҷом бидиҳам. Ва дар ин муддат талош кардам, ки муҳаббат ва эҳтиромаш нисбат ба фарҳанги мо ва миллати мо афзун гардад. Шумо ин ишқу алоқаи ӯро дар мусоҳибаҳояш бо банда, ки дар рӯзномаи "Независимая Газета" ва маҷаллаи "Иран Наме"ба чоп расида аст, эҳсос хоҳед кард. Ҳамчунин бо пешниҳоди ман шогирдонам дар мавзӯъи "Олжас ва адабиёти тоҷик" поённомаҳои донишгоҳӣ низ навиштаанд.

**-Шумо дар гирдоварии нусхаҳои хатии форсӣ дар Қазоқистон гомҳои муассир бардоштед. Ин иқдом чӣ гуна муяссар шуд ва кадом рӯйдод Шуморо ба ин гуна кор таҳрик дод?**

-Ин кори муҳим буд, ки бояд яке онро анҷом медод. Қазоқистон кишварест, ки дар тӯли таърихи ин сарзамини паҳновар (масоҳати он панҷ баробар бузургтар аз Фаранса мебошад!) макони буду боши ақвоми эронӣ ва туркию муғулӣ, исловӣ ва ғайра будааст. Ақвоми бисёре дар ин сарзамин ба сар бурда ва мероси ъазимеро ба наслҳои баъдӣ во гузоштаанд. Шумо медонед,ки номи шаҳрҳое амсоли Тарозу Исфиҷобу, Фаробу Туркистон дар осори таърихии мо ва ҳатто шеъри порсӣ бисёр омадааст. Номи Тарозу Исфиҷоб аз номҳои дерини эронист (суғдӣ!) ва дар "Шоҳнома"и гаронсанг - бузургтарин ҳамосаи миллии мо нир, борҳо омада аст! Яъне ин сарзамин барои мо чандон бегона нест. Ва пайдост, ки дар саросари ба истилоҳ "ҷодаи абрешим" шаҳрҳо ва корвонсаройҳо ва ободиҳоро суғдиён бунёд кардаанд. Ва ҳатто яке аз шаҳрҳо дар марзи Чин Ёрканд ном дорад...

Дар забони қазоқӣ беш аз се ҳазор вожаи муштарак бо забони моро гирдоварӣ кардаам, ки ният дорам онро чоп бикунам. Гузашта аз ин,  садҳо номи эронӣ (тоҷикӣ) дар миёни қазоқҳо роиҷ аст.Ҷолиб ин аст, ки бархе аз номҳо номҳои то исломӣ ва дерина ҳастан. Амсоли Рустам, Инфандиёр, Бежан, Равшан (дар сурати Рустем, Аспандияр, Бижан!) ва ғайра. Танҳо бо таркиби Гул беш аз сад номи занона дар Қазоқистон роиҷ аст! Аз Гулноз, Гулбаҳром, Гулбадан, Гулбону, Гулдона, то Гулғунча, Гулфирӯз, Гулҷону Гулнор ва ғайра…

Ва ё бо таркиби вожаи "хона" даҳҳо вожа дар забони қазоқӣ сохта шуда аст. Яъне, ҳамаи ин гувоҳ аст, ки мо аз дер боз бо бародарону хоҳарони қазоқӣ доду ситад доштаем. Дар устони Ҷанубии Қазоқистон тоҷикони маҳаллӣ ба сар мебаранд ва мадориси тоҷикӣ доранд. Вақте дӯсти ман, Мурод Авезов яке аз чеҳраҳои маъруфи ин кишвар, фарзанди нависандаи бузурги қазоқ Мухтор Авезов, раиси китобхонаи миллии Қазоқистон буд, ман муваффақ шудам, ки дар назди китобхонаи миллии Қазоқистон марказеро бо номи маркази мутолиъоти Эрон ва Осиёи марказӣ таъсис намоям. Ва бо ёрии ниҳодҳои эронӣ соле яке ду бор ҳамоишҳои байналмилалии ъилмӣ ва яке ду бор шабҳои шеъру адаби порсӣ ташкил намоям.

Ҳамоиши Мероси мактуб ва китобу китобхона дар Эрон ва Осиёи Марказӣ, Рӯдакӣ ва ҳазор соли шеъри порсӣ, Фирдавсӣ ва рушди ҳамосаҳои миллӣ дар Эрон ва Осиёи Марказӣ, Мавлоно ва тамаддуни ҷаҳон, Равобити мутақобил ва дороиафзоии фарҳангии ақвоми туркизабон ва эронизабони Осиёи Марказӣ, Ирфон дар Эрон ва Осиёи марказӣ аз ин қабил ҳамоишҳое аст, ки дар он беҳтарин мутахассисон аз кишварҳои мухталиф аз ҷумла аз Тоҷикистон, ширкат намудаанд. Албатта, барои анҷоми чунин ҳамоишҳо тарафи эронӣ, сафорати Эрон ва ройзанӣ ёрии хешро дареғ намедошт, ки сипосгузор ҳастам ва ин бисёр муҳим буд.

Дар баъзе маворид ман талош мекардам сафоратхонаҳои ҳар се кишвари порсизабонро ҷалб кунам, то дар ҳадди тавони хеш ёрӣ расонанд ва як ё ду нафар ъолимро, ки даъват

мекардем, ҳазинаҳои роҳашро қабул бикунанд. Дар бисёре аз ин ҳамоишҳои байналмилалӣ суфарои кишварҳои хориҷӣ низ ширкат ва суханрониҳо мекарданд.

Чун бештари умрам дар китобхонаҳо мегузашт, дар китобхонаҳои Қазоқистон низ ба нусахи хаттие ру ба рӯ шудам, ки феҳрист нашуда буд ва дар миёни кутуби дигаре рехта буданд. Ҳам дар китобхонаи Академии Ъулум ва ҳам дар китобхонаи миллии Қазоқистон нусхаҳои ношинохта мавҷуд буд. Ва ман ба оқои Мурод Авезов пешниҳод кардам, ки нусхаҳои хаттиро феҳристи ъилмӣ бояд кард, то аз он тариқ мутахассисон бидонанд, ки масалан фалон нусхаи хаттӣ дар куҷо нигаҳдорӣ мешавад. Эшон гуфтанд, ки ман ки розӣ ҳастам, вале ин корро кӣ анҷом медиҳад? Гуфтам, ба хотири муҳаббатҳои Шумо нисбат ба банда, ман метавонам ин корро анҷом бидиҳам.

Дар оғоз хостам, ки ҳам нусахи хаттии форсӣ ва ҳам нусахи арабиро феҳристи ъилмӣ мекунем ва ҳатто дар бораи нусхаҳои ъарабӣ бо дӯсти фозилам, Қурбонъалии Идрисӣ, ки ба назарам яке аз беҳтарин донандагони забони ъарабӣ дар минтақа аст, гуфтугӯ кардам, ки ҳамроҳ анҷом медиҳем. Ва шурӯъ кардам ба таҳияи феҳристи нусхаҳои хаттии форсӣ, ки дар ин ҳангом оқои доктор Камолиддинӣ устоди эъзомии забони форсӣ барои донишгоҳҳои Қазоқистон, аз Эрон  ба Олмотӣ омад ва мо бо ҳам дӯст шудем ва ҳамроҳ ин корро анҷом додем. Он бахши нусхаҳои хаттии маҳфуз дар китобхони  миллии Қазоқистонро феҳристи илмӣ кардем ва ба забони русӣ интишор ёфт, ки ҳамагӣ 112 нусхаро дар бар мегирад. Дар ин китобхона теъдоде аз китобҳои чопи сангӣ низ ба забони форсӣ маҳфуз мебошад.

**-Дар Қазоқистон фикр мекунед дастхатҳои форсӣ зиёданд? Онҳо чӣ гуна он ҷо расидаанд?**

-Албатта дар Қазоқистон ,теъдоди муъайяни дастнавиштаҳои шарқӣ мавҷуд аст, ки бештарини онҳо ба забони форсӣ мебошанд. Теъдоди аз ҳама бештари нусахи хаттӣ дар тамоми Осиёи Миёна, ки мероси гаронбаҳои ниёкони бузурги мост, дар китобхонаи Абурайҳони Берунии шаҳри Тошканд нигаҳдорӣ мешавад. Дар он китобхона ҳудуди 43 ҳазор нусхаи хаттӣ ё дастнавис мавҷуд аст, ки тақрибан беш аз навад дар сади онҳо  ба забони мост! Дар ҷое хондам, ки дар он китобхонаи бузург 39 ҳазор нусхаи хаттӣ, яъне дастнавис ба забони порсӣ маҳфуз аст.

Хуб, ин аҷаб нест, чун то инқилоби Октабр ағлаби донишмандони бузурги мо дар шаҳрҳоямон зиндагӣ мекарданд ва китобхонаҳое доштанд ва китобхонаҳои бархе аз бузургони мо машҳур буд, чунончи китобхонаҳои Бухоро ва Самарқанд ва ё китобхонаҳои шахсӣ амсоли китобхонаҳои Муҳаммади Порсо, Пирмаҳаммад Сиддиқ ибни амир Музаффари Ҳашмат, Муҳаммад Шарифи Садри Зиё, Қозӣ Бурҳонаддин, Абдурауфи Фитрат, Беҳбудӣ ва ғайра, ки дар он ҷо нусхаҳои нодир нигаҳбонӣ мешуда ва ҳама ин ганҷи шойгон ба таври ройгон моли Узбакистон шуд.

Нусхаҳои хаттии зиёде дар кишварҳои мухталиф мавҷуд аст ва теъдоде дар Қазоқистон низ ҳаст, ки миқдори умумии дастнависҳои форсии Қазоқистон, ки мо ҳамроҳи доктор Муҳаммад Боқири Камоладдинӣ феҳрист кардем, ҳудуди сесадто мебошад. Вале муҳимтар  ин аст, ки бархе аз дастнавиштаҳоеро пайдо кардем, ки бисёр нодир буда,

дорои арзиши бузурги ъилмӣ мебошанд. Масалан, ҳангоми мутолиъаи нусхаҳои хаттии китобхонаи миллии Ҷумҳурии Қазоқистон  ба нусхаҳое рӯ ба рӯ шудем, ки дорои аҳаммияти бузурги ъилмӣ ва таърихию фарҳангӣ мебошад. Барои мисол мо ба нусхае бархӯрдем, ки рӯи ҷилди он "Нисаб ас -Сибён" навишта шуда буд ва вақте ин нусхаи бузургҳаҷмро варақ задем, маълум шуд, ки дар ин ҷилд 9 китоби мухталиф, ки ҳар кудом дорои арзиши вежае мебошанд, нигаҳдорӣ мешаванд.

**(давом дорад)**

**Бобоҷони Шафеъ, «Рӯзгор»**

**Бознашр аз ҳафтаномаи «Рӯзгор» №9, 05 марти соли 2014**

# Сафар Абдуллоҳ: Ниёз ба ниҳоди вижаи "Шоҳномашиносӣ" дорем!

**Дар ин маҷмуъа рисолаҳои арзишманди ирфонӣ ва кутуби мазҳабӣ ва китобҳои муҳимми адабиёти мо гирд омада аст. Аз ҷумла, яке дастнависи бисёр муҳимми "Туҳфат ул Аҳрор"-и Абдураҳмони Ҷомӣ аст. Пас, аз бозҷӯйии нусхаҳои мавҷуд, мо ба ин натиҷа расидем, ки ин китоб қадимитарин нусхаи маҳфуз дар ҷаҳон аст. Муҳақиқони осори Ҷомӣ, аз ҷумла Аълохон Афсаҳзод ва Ҳусайни Тарбият, ки ъумри худро ба мутолиъаи осори ин шоъир ва ъорифи бузурги мо бахшидаанд ва тақрибан ҳама нусхаҳои мавҷуди ҷаҳонро дидаанд, аз вуҷуди чунин нусхае огаҳӣ надоштаанд. Ин амр табиист ,зеро феҳрист нашуда буд.**



Дар ҳоле ки нусхаи мазкур дар рӯзгори муаллиф ва шояд бо супориши худи ӯ дар шаҳри бостонии Балх 23 сол пеш аз марги Ҷомӣ китобат шуда аст! Дасти рӯзгор ин нусхаро ба Қазоқистон оварда ва чи асроре дар он ниҳон аст,ки ин дастнавишт зери ҷилди "Нисоб ус- Сибён"-и Форуқӣ ҳифз шавад ва пас аз солҳо як тоҷик онро дар китобхонаи миллии Ҷумҳурии Қазоқистон биёбад. Ҷолиб он буд, ки дар ин китобхона боз ду нусха аз қадимитарин нусхаҳои китоби дигари

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ "Нафаҳот ул Унс" мавҷуд аст, ки яке аз онҳо дар соли 883 ҳиҷрӣ, яъне 15 сол пеш аз марги Ҷомӣ китобат шуда аст. Дар бораи мавҷудияти ин нусха низ муҳаққиқон иттилоъе надоштанд.

То замоне ки мо ин дастнабиштаҳоро пайдо кардем ва муъаррафӣ намудем, қадимитарин нусхаи "Нафаҳот ул-Унс" нусхаи китобхонаи Абурайҳони Берунии шаҳри Тошканд маҳсуб мешуд, ки дар соли 901 ҳиҷрӣ китобат шуда аст.Чунон ки мебинед, нусхаи Тошканд пас аз ҳаждаҳ соли нусхаи Олмотӣ китобат шудааст! Хушбахтона, яке аз нусхаҳои ин китоб ,ки дар китобхонаи миллии Қазоқистон нигаҳдорӣ мешавад, бисёр хуб нигаҳдорӣ шуда, бо хати бисёр зебо китобат шуда ва дар ҳошияҳояш тавзеҳоти муҳимме оварда шуда аст.

Пас аз интишори гузоришҳои мо дар бораи ин нусха бархе аз ъолимони Эрон ҳадс мезананд, ки шояд яке аз нусхаҳо, ки дар он номи котиб наёмада аст, дастнависи худи шоъир бошад. Агар чунин бошад, арзиши ъилмии ин нусхаҳо даҳчанд мешавад... Бояд Тоҷикистон алоқаманд мешуд, ки ин нусхаро дастрас намояд ва ё ба сурати факсималӣ ба чоп расонад, ки дастраси муҳақиқон шавад... Вале афсус, касе то кунун алоқамандие зоҳир накарда аст.

Мо ҳамроҳи доктор Камоладдинӣ ин нусхаҳоро барои интишоротии "Мероси Мактуб"(Эрон) барои чоп омода кардем. Боз нусхаҳои дигари нодире ҳаст, ки ман дар мақолае аз онҳо ёдовар шудаам. Масалан, яке аз нусхаҳои нодири "Авроди Фатҳия"-и ъорифи машҳур Мирсаид Алии Ҳамадонӣ, ки дар соли 1191 ҳиҷрӣ бо хати зебои насх китобат шуда аст, дар ин ҷо нигаҳдорӣ мешавад. Ва нусхаҳои дигар, ки дар феҳристи мо, ки қарор аст таҳти унвони "Нусхаҳои хатии форсӣ дар Қазоқистон "дар Эрон интишор шавад, омадааст.

Мутаассифона, дар бораи чӣ гуна ба китобхонаи миллии Қазоқистон роҳ ёфтани ин нусхаҳо ҳеч иттилоъи дақиқ мавҷуд нест. Вале ман ҳадс мезанам, ки ҳам аз тариқи форсизабононе дар ин диёр будаанд, ки босавод буданду китоб мехондаанд ва ҳам намояндагони ақвоми дигаре, ки ба забони порсӣ ошноийӣ доштанд. Аз замони Обой ва Шоҳкарим то даврони шӯравӣ афроди босавод дар даштҳои қазоқ дар баробари забони модарӣ забони порсиро низ медонистаанд ва бархе аз эшон, масалан, Турмуҳамбет Истлеюф дар мадрасаҳои Бухоро таълим гирифтаанд.

Табиист, ки китобҳои форсӣ аз тариқи эшон ба Қазоқистон рафта ва ниҳоят аз коллексионҳои шахсӣ ба китобхона роҳ ёфта аст! Вале бештари китобҳое, ки ман дар колексионҳои хусусӣ дидам, масалан дар колексиони Озод Акимбеки уйғур, ки аз 250 нусхаи дар ихтиёри ӯ буда беш аз 160 -тои он ба забони порсист, ҳама дар бист соли охир ва пас аз фурупошӣ аз Узбакистону Тоҷикистон ба Қазоқистон интиқол ёфта аст.

Теъдоди зиёди мардум ба хотири пули ночизе ин китобҳоро фурӯхтаанд ва афроде, ки корашон атиқафурушӣ аст, мисли Акимбек, онро бо пули ночизе харидаанд ва бо пули зиёд ба пулдорони дигар мефурӯшанд. Хеле касоне дар Қазоқистон ба ман муроҷиат мекунанд, ки дастнавиштаҳояшонро бубинам ва барояшон мушахас бикунам,ки чӣ китоб аст ва чӣ арзише дорад. Вақте мепурсам, ки аз куҷо овардед, мегуфтанд, ки аз

?збакистон оварданд ё аз Тоҷикистон ва мо харидем. Ҳоло чунин дастнавиштаҳо низ зиёд аст ва рӯз аз рӯз бештар мешавад.

**Ҳар миллати дигаре чунин китоб медошт, ниҳоди вежаи "Шоҳномашиносӣ" таъсис мекард**

**- Шумо дар мақолаи "Иран и Туран по "Шах-наме" Фирдоуси" ба баррасии илмии як масъалаи басо ҳассос, мансубияти Турон ба туркон даст задаед ва ин мақолаи пажуҳиширо бо забони русӣ интишор додаед, то даъвогарони асосии қаламрави Турон низ онро бихонанд. Чӣ Шуморо водор ба ин кор кард?**

- Охиран, чунонки ишора рафт, пас аз фурупошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва бар асари "озоди"-ҳое, ки ба осонӣ ба даст омад, дар бархе аз кишварҳои пасошӯравӣ на танҳо ъилми дуруғин рушд кард, балки дастёзӣ ба таърихи фарҳанги дигарон ва таърихсозӣ ва воруна нишон додани таърих равнақ ёфт. Яке аз мавзӯъҳое, ки бисёр баҳсбарангез ва боиси суйитафоҳум шуд ва бархе ъуламо аз он суиистифода карданд, марбут ба ҷуғрофиёи таърихии эрониён (тоҷикон!) буд.

Бархе аз кишварҳое, ки дар давронҳои қадим дар кишвари Олтой ва Сибри ба сар мебурданд, вале дар ҳазорсолаи охир бо далоили мухталиф нақли макон карданду ҳоло дар сарзаминҳое, ки қаблан ақвоми эронӣ сокин будаанд, зиндагӣ мекунанд, шурӯъ карданд ба дурӯғпардозӣ, ки гӯё аз замонҳои Одаму Ҳаво обою аҷдодашон дар Осиёи Миёна зиндагӣ мекардаанд! Дар ин миён бисёре аз кишварҳои туркизабон, масалан дар Туркия ва Озорбойҷон, ки забони худро аз даст додаву турк шудаанд, фаровон аз таъбири "Тӯрон" ва "тӯрониён" суиистифода карданд ва чунин ҷилва доданд, ки ин мафоҳим марбут ба туркон аст ва чунин таблиғ мутаассифона, дар кишварҳои дигари туркизабон низ дида мешавад.

Дар ҳоле, ки ҳеч далели ъилмӣ барои турк хондани тӯрониён мавҷуд намебошад. Чун ман солҳост, ки бо "Шоҳнома" ишқ меварзам, бо иттако ба матни "Шоҳнома" хостам ба ин мудаъиён посух бигӯям. Ва ҳудуди 12- 13 сол пеш дар ҳамоиши ъилмии байналмилалии Эроншиносӣ, ки дар Маскав баргузор шуд, ширкат кардам ва дар мавзӯъи "Эрон ва Тӯрон бар ривояти "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ" суханронӣ кардам. Иттифоқан, аз ағлаби кишварҳои собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ ва аз Эрон дар ин ҳамоиш донишмандон ҳузур доштанд. Пеш аз ин мақолае дар Эрон тахти унвони "Муносибати марзии Эрон ва Тӯрон бар ривояти "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ" ба чоп расонида будам.

Ҳамчунин соли 2008 ба муносибати 70 солагии дӯсти фақидам, профессор Раҳмат Раҳимов, дар Санкт Петербург маҷмӯъае аз мақолоти ъилмии донишмандон ба забони русӣ интишор ёфт, ки шакли такмилёфтаи он суханрониамро чоп карданд. Ҳоло хушҳолам, ки бисёре аз донишмандон дар навиштаҳояшон ба он мақола истинод кардаанд. Ман дар ин мавзӯъ пижуҳишамро идома хоҳам дод. Дар ин мақолаҳо талош намудам таваҷҷуҳи муҳақиқинро ба он ҷалб кунам,ки дар ҳоли ҳозир бархе аз ъуламо ва ҳатто сиёсатмадорон бидуни таваҷҷуҳи ъилмӣ аз таъбири "Тӯрон" ва "тӯрониён" суиистифода мекунанд ва пайдост, ки ағрозе доранд.

Ман бо такя ба матни "Шоҳнома" ёдовар шудам, ки тӯрониён ақвоми кучии эронӣ ҳастанд (яъне ҳамон сакоиҳо буда, ҳеч нисбате ба туркон надоранд!), ки дар ин бора пеш аз ман даҳҳо тан аз ъолимони бузург дар ин сую он суи ҷаҳон ишораҳо кардаанд. Вале ҳанӯз бархе аз бародарони туркизабони мо дурӯғпардозӣ мекунанд ва худро тӯронӣ муъаррифӣ мекунанд! Ва вақте мо ба "Шоҳнома" мурочиъат мекунем, мебинем, ки тӯрониён каси дигаре ҷуз ҳамон эрониёни кучнишин намебошанд, ки дар даштҳои паҳновари Уруосиё зиндагӣ доштанд ва гоҳе ба шаҳрҳо ҳуҷум мекардаанд.

Ман моҳи октябри соли гузашта дар ҳамоиши байналмилали ховаршиносон, ки ба муносибати накӯдошти яке аз донишмандони бузург оқои Владимир Минорский баргузор шуд, ширкат намудам ва дар мавзӯъи "Шоҳномаи Фирдавсӣ :Посух ба таърих, ё ниёзи ҷомиъа" суханронӣ кардам, ки матни он дар маҷмӯъаи суханрониҳои конфронс, ки онро Институти дастнавиҳои шарқии вобастаи Академии Ъулуми Русия ба чоп расонда аст, интишор ёфт ва ин мақола низ идомаи ковишҳои ман дар шинохти "Шоҳнома" мебошад. Бадеҳист, ки "Шоҳнома"уқёнусест бекарон ва китобест беназир. Агар, ҳар миллати дигаре чунин китоб медошт, ниҳоди вежаи "Шоҳномашиносӣ" таъсис мекард ва фарозу фуруди ҳастии миллатро дар ойинаи ҷону хиради "Шоҳнома" месанҷид ва мутолиъа мекард.

**- Ҳамчуноне ишора кардед, Шумо муассиси маҷаллаи русии "Эроннома" ҳастед. Магар чопи маҷаллае дар ҳаҷм сангин набуд? Ва зимнан дар бораи ин маҷалла каме маълумот диҳед. Аз ҷумла дар мавриди персонали кориву хароҷоти шуморавии он.**

- Маҷаллаи русӣ на, балки ба забони русӣ интишор мешавад.  Ин фаслномаест ъилмӣ ва ҳеч аҳдофи дигаре надорад, ҷуз интишори андешаҳои ъилмӣ дар заминаи эроншиносӣ ва иртиботи таърихию фарҳангии эрониён дар тӯли таърих бо ақвоми дигар, аз ҷумла бо ҳамсояҳои наздики мо, ақвоми туркӣ, ки садсолаҳост бо ҳам доду ситад доштаем. Манзур аз Эроне, ки ман мегӯям танҳо маҳдудаи ҷуғрофиёии Эрони кунунӣ нест, балки Эрони таърихӣ ва ҳамаи ақвом ва тираҳои эрониро фаро мегирад.Тибқи манобеъи таърихии мо Тоҷикистони кунунӣ ва шаҳрҳои таърихии мо дили Эрон буд.

Ман солҳо дар андешаи таъсиси чунин як маҷаллаи ъилмӣ будам ва замони Шӯравӣ, ки маҷаллаи "Советская Тюркология" дар Боку интишор мешуд, ҳамеша ба худ суол мекардам, ки чаро мо дар Душанбе як маҷаллаи Эроншиносӣ надошта бошем?! Бо бархе афрод, аз ҷумла устод Латифӣ солҳои ҳаштодум ин масъаларо ба миён гузошта аз эшон маслиҳат ва ёрӣ хостам ва бо кумаки эшон бо саркорхонум Гулҷаҳон Бобосодиқова, ки дабири ҳизби кумунист дар умури фарҳангӣ низ буданд, мулоқот намудам. Устод Латифӣ гуфтанд, ки барои ин аввал бояд ъузви ҳизби кумунист бишавед, баъдан аз тариқи созмонҳои ъилмӣ бояд пешниҳод шавад, ки Маскав иҷоза диҳад...

Танҳо оғози солҳои навадум, равоншод Мақсуди Икром ваъда дода буд, ки барои таъсису ташкили маҷалла бароям ёрӣ мерасонад. Вале дареғо, ки туфони ҳаводис моро парешон кард ва ба ман муяссар шуд, ки танҳо соли 2007 нашри ин маҷалларо роҳандозӣ кунам. То кунун 28 шумора аз ин фаслнома интишор шуда аст. Хушбахтона,

ин маҷалла аз сӯйи мутахассисон ва ховаршиносон ба унвони яке аз беҳтарин маҷаллаи ховаршиносӣ талақӣ мешавад. Ин фаслномаро ман бе он ки подошеро интизор дошта бошам, тани танҳо бо ишқу алоқаи зиёд ва бо кумаки як нафар дастёр омода мекунам ва бо ёрии Худо ва кумаки молии ройзании фарҳангии Эрон чоп мекунем ва аз тариқи ройзаниҳои фарҳангии Эрон дар кишварҳои мухталиф интишор мешавад.

Новобаста ба ин ки бар асари бӯҳронҳои иқтисодӣ ва таҳримҳои ноҷавонмардона алайҳи Эрон, мо низ барои чопи маҷалла ба мушкилоти сангине рӯ ба рӯ шудем, боз ҳам умедворам, ки нашри ин маҷалла идома ёбад. Ман хушҳол ҳастам, ки фаслнома, дар ҳаҷми аз 350 то 380 сафҳа бо тирожи 1000 нусха интишор мешавад, маҷаллаи ъилмӣ ва ғайритиҷорӣ буда, барои марокизи муҳими эроншиносии ҷаҳон ирсол мешавад. Мо номаҳои зиёде мегирем, ки дар онҳо коршиносон фаъолияти маҷалларо мусбат ва муҳим арзёбӣ мекунанд ва аз банда сипосгузорӣ кардаанд. Ин маҷалла як нашрияи байналмилалӣ буда, дар он то кунун матолиби ъилмӣ аз донишмандони бисёре аз кишварҳои ҷаҳон интишор ёфта аст. Ҳайати таҳририяи мо низ аз кишварҳои мухталиф буда, дар баъзе шаҳрҳо мо намоянда дорем. Ҳамаи ин ъазизон ройгон ва ба хотири эҳтиром ба ъилм бо мо ҳамкорӣ мекунанд.

**Мутаассифона, мо тақрибан нақди адабӣ надорем**

**- Иртиботи Шумо бо ҳавзаи илмии Тоҷикистон: бо кадоме аз созмонҳо ва шахсиятҳо ҳамкориҳои илмӣ доред? Оё ба чорабиниҳои фарҳангии Тоҷикистон даъват мешавед?**

-Ман тоҷикам, табиист, ки бо бисёре аз шахсиятҳои ъилмӣ ва фарҳангии кишварамон иртибот доштааму дорам. Инҳо дар донишгоҳҳо, пажӯҳишгоҳҳо, муассисоти фарҳангӣ кор мекунанд. Ҳамеша дар ғаму шодии кишвар шарик будааму ҳастам. Ман фориғуттаҳсили донишкадаи забону адабиёти донишгоҳи давлатии Тоҷикистон будам. Хушбахтона, донишгоҳи мо дар он рӯзгор яке аз беҳтарин донишгоҳҳои шӯравии собиқ буд. Вақте пас аз хатми донишкадаи забону адабиёт барои идомаи таҳсил ба Маскав рафтам, эҳсоси заъф ва нороҳатӣ надоштам, зеро дар ҳамон вақту фазо донишгоҳи мо, аз ҷумла донишкадаи мо ҳама донишҳои лозимаро, ки дигарон дар донишгоҳҳои худашон мегирифтанд, ба мо медод.

Ман ҳамеша аз устодонам сипосгузор хоҳам буд. Худо баъзеяшонро биёмурзад, аз ҷумла устоди беназири ман Шарифҷон Ҳусейнзодаро, устодон Воҳид Асрорӣ, Додоҷон Тоҷиев, Саъдоншоҳ Имронов, Назирҷон Арабзода ва дигаронро... Ва табиист, ки бо онҳое, ки ҳанӯз хушбахтона ҳастанд, ба наҳве дар иртибот ҳастам. Ва ҳамчунин бо ҳамаи донишмандони воқеъии ъулуми инсонӣ ба наҳве равобит доштаам. Дар робита ба даъват барои ширкат дар ҳамоишҳо, танҳо як бор, дар ҳамоиши марбут ба Имоми Аъзам буд, ки маро аз сӯи давлат ва аз тариқи сафорат даъват карданд, ки маъзарат хостам ва изҳор кардам ки, дар ин замина ман мутахассис нестам...

**-Бо адабиёти муосир, манзурам назму насри даҳ соли охир шиносед? Онро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

-Бале, ошноӣ дорам. Кишвари мо ва миллати мо, ҳамеша шахсиятҳои бузургеро дар домони худ парваронида аст ва умедворам ҳамеша чунин хоҳад буд. Дар адабиёти муосири мо, ба назарам, чун дар адабиёти бисёре аз кишварҳо дар баробари афроди боҳунар ва сазовор теъдоди муайяне аз беҳунарон низ ахиран роҳ ёфтанд ва худро чун адиб ҷилва медиҳанд, ки навиштаҳояшон ба ҳеч ваҷҳ наметавонад моли адабиёт бошад. Ман бо чунин навиштаҳо зиёд рӯ ба рӯ шудаам ва дар мақолаи "Мо, ки кӯрона асоҳо мезанем..." ба он ишора карда будам. Ҳоло дар ин мусоҳиба намехоҳам зиёд дар бораи он осори беарзиш фикр кунем... Чун арзёбии мутуни адабиёт майдони дигаре мехоҳад ва ин ҷо мехоҳам аз равандҳои роиҷ ҳарф бизанам.

Яке аз вежагиҳои адабиёти мо, умумигӯӣ аст, ки дар ҳоли равнақ ёфтан аст ва касе нест пеши ин ҳамакораҳои ҳичкорароро бигирад. Баъзе ғазалҳоро мехонӣ ангор на шоъири муъосир, балки нафаре аз рӯзгорони Ҳофизу Мавлоно ё Бедилу Соиб бо шумо сухан мегӯяд. Бисёре аз шоъирон ва нависандагон забонро ёд нагирифтаанд. Робитаи як шоъир ё як нависанда бо калима ва истифодаи он, то ҳадде бо ба корбарандаи одии он фарқ мекунад. Ин монанди робитаи наққош аст бо ранг. Кори нависанда ин аст, ки нерӯ ва танини вожаро аз дарунаш берун бикашад ва аз он як ҳолати зинда падид оварад. Ба қавли донишманде ин монанди танини ҷом аст.

Ҷоми шикаста танине надорад. Набояд фаромӯш кард, ки сухан, калом ва калима, ки мафоҳими шабеҳ доранд, дар баъзе аз тамаддунҳо муқаддас дониста мешавад ва аз сухан интизори эъҷоз ва гушудани тилисму шифои беморро доштаанд. Ин сухан бояд дар хидмати мардум бошад, на дар ситоишу накӯҳиш! Чанде пеш шоъири хуби мо Сиёвуш ба ман пешниҳод кард, ки ҳамроҳ дар бораи шеъри ҷавонон сӯҳбат бикунем... Мо истеъдодҳои хубе дорем, вале ин соҳибони истеъдод барои сайқал додани тавоноиҳои худ бояд ташвиқ ҳам шаванд, ҳимоят ҳам шаванд ва накд ҳам шаванд ва бояд осори эшонро баррасӣ кунанд. Вале мутаассифона, мо тақрибан накди адабӣ надорем.

Накди адабие, ки созанда бошад ва ба равнақи адабиёт ёрӣ расонад, тақрибан вуҷуд надорад. Бархе аз хомазанон бо аҳдофи муғризона, баъзе аз нависандагони заъифро ба пояи Фирдавсӣ мебардоранд ва гоҳе чунон арзёбӣ мекунанд, ки ангор ҷуз санохонӣ чизеро балад нестанд. Гоҳе хабарнигорон ба кори накди адабиёт даст меёзонанд ва ҳоло кор ба ҷое расида, ки сабки накди адабӣ ба мақолаҳои публитсистӣ бадал шуда аст. Хулоса, дар даҳ соли охир ҳам осори арзишманде дар адабиёти мо падид омад, ки бархе бисёр қобили арзёбӣ ва арҷгузорӣ ҳастанд ва бисёре тасодуфӣ. Ба ғайр аз устодони сухан теъдоде аз ҷавонҳо низ ба майдони адабиёт ворид шуданд ва корҳои хубе мекунанд, ки дар ин бора бояд дар ҷои дигар ва мавриди дигар сӯҳбат бикунем.

**Устод Улуғзода бетардид аз шахсиятҳои барҷастаи миллати мо буданд**

**- Дар бойгонии шумо аксҳои зиёдеро бо шахсиятҳои машҳур дидем, аз ҷумла бо Темур Зулфиқоров, Сайид Муҳаммади Хотамӣ, устод Улуғзода...Ва мехостам дар бораи як лаҳзаи бо устоди шодравон Улуғзода буданатон, ки дар акс мебинем, нақл мекардед? Ба назарам ин шояд охирин солҳои ҳаёти устод буд, ки хеле солманду бемадор менамоянд.**

- Аз солҳои донишҷӯиям ба донишмандон, шахсиятҳои бузурги ъилмию фарҳангӣ эҳтироми вежае қоил будам. Ва ҳамеша талош кардаам, ки дар маҳзари эшон чизе биёмӯзам. Бо устод Улуғзода, ки ман ҳамеша иродат доштаам, дар Маскав ошно шудем. Ин ошно шуданамон таърихи ҷолибе дорад, ки шуниданист. Дӯстам Тимур Зулфиқоров, ки бо ӯ ҳанӯз дар Душанбеи оғози солҳои ҳафтодуми қарни гузашта пас аз чопи достонаш дар бораи Умари Хайём, аввал бо ҳам даъво кардаву баъд дӯст шуда будем, рӯзе ба ман занг зад, ки устод Улуғзода аз ӯ хоста аст, ки бархе аз намоишномаҳои эшонро, ки духтарашон Элеанора тарҷума карда буд, дубора тарҷума кунад.

Ман гуфтам, Шумо мехоҳед аз рӯи тарҷумаҳои таҳтулафз тарҷума кунед? Гуфт, устод мефармоянд, ки ҳамин тарҷумаҳоро дубораkорӣ кунам, яъне қалам бизанам. Ман гуфтам, хондед? Гуфт, оре, хондам ва ба ин натиҷа расидам, ки ҳамин тарҷумаҳо хуб аст, набояд кори дубора кард. Ман гуфтам, беҳтар аст ба устод бигӯед, ки ҳамон тарҷумаҳои духтаратон хуб аст ва агар лозим донед, ман фақат веросторӣ мекунам. Ӯ гуфт, оё намешавад фардо ҳамроҳ ба дидори эшон биравем. Ман ҳам қаблан бо эшон зиёд ҳамсӯҳбат нашуда будам. Ин воқеъа оғози солҳои 1980 буд. Ман гуфтам, аввал аз устод бипурсед, агар мувофиқ бошанд, ҳамроҳ меравем.

Тимур баъд аз чанд дақиқа ба ман телефон кард ва гуфт, ки бо устод гуфтугӯ кардам, ҳамроҳ меравем. Ӯ гуфт устод туро мешиносанд. Ин буд, ки мо ҳамроҳи Тимур ва боз яке аз ҳамватанонамон ба дидори устод рафтем. Манзили эшон дар метрои "Каломенский"- и шаҳри Маскав буд, ки ман баъдан солҳо дар он ҷо зиндагӣ кардам. Вақте Тимур маро шинос кард, устод гуфтанд, ки ғоибона маро мешиносанд ва бархе навиштаҳоямро дидаанд. Албатта,  барои ман ҷолиб буд ва дидам, ки рӯи мизи устод як даста рӯзномаҳо ва чанд шумораи "Садои Шарқ" ҳам буд, ки ҳамон солҳо бархе навиштаҳои шогирдонаи ман низ чоп мешуд.

Ман дар ин сӯҳбат назари худро ба устод Улуғзода дар робитаи заҳмати эшон барои ба наср баргардондани "Шоҳнома" ифроз доштам ва дар бархе мaворид (бо он хӯйи деҳотие, ки доштам) бепарда  норасоиҳоро низ гуфтам. Дидам, ки чашмони устод бозтар шуд ва бо диққати тамом ба рӯйи ман нигоҳ мекарданд. Ман нигарон шудам, ки Худо накарда, устод нороҳат шаванд... Вале медидам, ки ҳарфҳоямро гӯш мекарданд ва дар бобати "Шоҳнома" пай дар пай чанд суол доданд ва посухи маро бишниданд. Дар ҳар маврид барои исботи андеша ман пораҳоеро аз достонҳои мухталифи "Шоҳнома" аз ёд мехондам.

Устод пас аз ҳудуди ним соат гуфтугӯ бо ман дар бораи "Шоҳнома", тақозо карданд, ки бархезам  ва оғӯш кашида гуфтанд, "биллои ъазим" (ин таъбирро чанд бори дигар низ аз устод шунидаам!) дар байни ҳамватанонамон ман кам касеро медонам, ки "Шоҳнома"-ро комил хонда бошад, вале Шумо хондаед! Вале мо бо Шумо  бояд ҷиддитар сӯҳбат кунем, ҳоло ин меҳмоно зиқ нашаванд. Ва аз ман телефони манзиламро хостанд ва дигар сӯҳбат ба забони русӣ аз боби тарҷумаи намоишномаҳо буд... Ҳамин тавр ошноии мо бо устоди бузургвор Сотим Улуғзода шурӯъ шуд ва ин ъишқи мо ба "Шоҳнома" буд, ки моро бо ҳам дӯст кард ва аз он пас, тақрибан ҳамеша

бо ҳам дар тамос будем ва иртиботи самимӣ доштем, то охирин лаҳзаҳои зиндагии заминии устод дар ғаму шодии якдигар шарик  ва ҷуёӣ ҳоли ҳамдигар будем.

 Ман даҳҳо нома аз устод дорам ва ёддоштҳои бисёр ҷолибе дорам, ки ҳатман агар зинда будам, бо ёрии Яздон онҳоро дар китобе гирд меоварам... Рӯзҳое, ки устод сактаи мағзӣ карданду дар бемористон беҳуш буданд, як шабонарӯз ман ва як шабонарӯз Любов Андреевна, хонуми меҳрубонашон бо навбат меистодем. Рӯзе, ки устод дори фониро видоъ гуфтанд, Давлат Худоназарову Муборак Шарифӣ аз Маскав ба ман телефон карда хоҳиш карданд, ки бо хонуми устод сӯҳбат кунам ва ризояти эшонро бигирам, ки ҷанозаи устод Улуғзодаро ба Душанбе баранд. Табиист, ки ман ҳамон лаҳза телефон карда ва хоҳиш кардам ва тавзеҳ додам, ки устодро бояд ҳатман дар меҳанашон ба хок биспорем... Ман бо устод мусоҳибаҳои фаровоне доштам, ки бахше аз он дар Душанбе, ҳангоме ки боевикҳо хонаамро ғасб карданд, бо китобхонаам аз байн рафт ва яке аз сӯҳбатҳоямон авохири солҳои ҳаштодум дар ду сафҳаи "Адабиёт ва Санъат" чоп шуда буд...

Ман устодро шахсияти бузурги миллӣ медонам ва боре бо эҳсос навишта будам, ки ба назарам дар адабиёти Тоҷикистон беҳтарин ҳикоя "Марги Ҳофиз", беҳтарин румон "Восеъ", беҳтарин намоишнома "Ъалломаи Адҳам ва дигарон", беҳтарин қисса "Ривояти Суғдӣ" мебошад. Ин ҳарфест, ки сиюанд сол пеш гуфта будам. Умедворам, дар бораи зиндагӣ ва осори устод китобе бинвисам, ки дар назди рӯҳи бузурги эшон бидеҳкор ҳастам.

**- Умуман, дар бораи шахсияти Улуғзода чун қавитарин насрнависони садаи 20 тоҷик ва пири аксари адибони имрӯза чӣ метавонед бигӯед?**

-Ман ба устод эҳтироми зиёде қоил ҳастам, вале ҳамин эҳтиром ва муҳаббате, ки дорам маро во медорад, ки аз истифодаи таъобире амсоли "қавитарин", "бартарин", "зӯртарин" ба иҷозататон, худдорӣ кунам. Чанде пеш яке аз бузургонамон низ устод Улуғзодаро  дар як сӯҳбаташон "бузургтарин" гуфтаанд ва бо устод Айнӣ муқоисаи бемаънӣ кардаанд. Бо ҳамаи эҳтироме, ки ба он бузургвор дорам, ҳаргиз ин андешаро дар ин шакл намепазирам.

Мо бузургмарде мисли устоди бемисл Садруддини Айнӣ доштаем ,ки устод Улуғзода борҳо ба ман гуфтаанд, ки нақши устод Айнӣ дар ташаккули миллати мо беназир аст. Ва бетардид барои ман "Ёддоштҳо" ва "Марги судхур" беҳин намунаҳои насри сад соли охир аст! Мо вақте ба шахсиятҳои бузургамон баҳо медиҳем, бояд ҳамеша онҳоро дар матну батни фарҳанги миллиамон дар давраи хоссе аз зиндагии ҷомиъа, арзёбӣ кунем. Метавонам, бигӯям, ки устод Улуғзода бетардид аз шахсиятҳои барҷастаи миллати мо буданд ва дар сангинтарин рӯзҳое, ки сарнавишт ба сарашон овард, наҷобат, бузургӣ, одамият, миллигаройӣ, башардӯстӣ, виқор ва ҷавонмардиро аз даст надоданд.

Вақте эшонро аз ҳама ҷо ронданд, хостанд, ки болашро бишкананд ва тақозо карданд, ки ба ивази афви "гуноҳаш" бояд аз фарзандаш даст бикашад, устод  ин пешниҳоди номаймунро рад карданд! Ин аст ҷавонмардӣ! Дар рӯзгороне, ки ағлаб ситоиши низомро мекарданд, устод ба суроғи бузургони миллии мо рафтанд ва чеҳраҳои мубаррои устод Рӯдакӣ, Шайх ур-раис Бӯъалии Сино, Абулқосими Фирдавсӣ, Аҳмади

Дониш ва дигаронро ба мардум пешкаш карданд ва ҳаргиз дунболи он набудаанд, ки ба ивази хиёнат ба миллат ва чоплусӣ, бо ҷалолу шукӯҳ зиндагӣ бикунанд...

Ҳамаи қаҳрамонони устод Улуғзода ба мардум паёми одамият, футувват, мурувват ва ҷавонмардӣ медиҳанд ва дар хидмати мардум будаанд. Албатта, дар як мусоҳибаи кутоҳ наметавонам ҳама вежагиҳои осори устодро фаро бигирам, вале ҳатман дар ин бора хоҳам навишт. Ман дерест, ки як китоберо бо номи "Чеҳраҳо" шуруъ кардаам ва мехоҳам дар он чеҳраҳои бузурги миллӣ ва фарҳангиамонро аз устод Айнӣ то имрӯз, ки теъдодашон 35 нафар тарроҳӣ шуда аст, бинвисам. Дар миёни ин бузургон устод Улуғзода ҷойгоҳи вежае доранд.

**- Ва баргардем ба аввали суҳбат: кай азми бозгашт ба Ватан мекунед?**

-Бародари гиромӣ,ман ҳаргиз ба он маъние,ки мепиндоред, аз Ватан нарафтаам. Тамоми вуҷуди ман бо меҳанам аст. Як лаҳза ҳам бе ёди Ватан назистаам. Ватан дар қалби ман аст. Ва ҳар куҷое, ки ман зиндагӣ мекунам ва дар гӯшае маскан мегирам, он ҷо Тоҷикистон аст. Бисёре аз ҳамватанони мо, ки меҳмон мешаванд, хонаи маро гӯшае аз Тоҷикистон гуфтаанд. Вале ба суоли Шумо чӣ бигӯям?! Дар ин бора, агар иҷоза бидиҳед, бо овардани ду қитъа шеър аз ду шоъири бузургамон посух бигӯям:

Ин порае аз як ғазали Саъдӣ аст :

**…Зоҳир он аст, ки бо собиқаи ҳукми азал,**

**Ҷаҳд суде накунад, тан ба қазо дар додам.**

**В-ар таҳаммул накунам ҷаври замонро чӣ кунам,**

**Доваре нест, ки аз вай биситонад додам.**

**Дилам аз сӯҳбати Шероз ба куллӣ бигирифт,**

**Вақти он аст, ки бипурсӣ хабар аз Бағдодам.**

**Ҳеч шак нест, ки фарёди ман он ҷо бирасад,**

**Аҷаб аз соҳиби девон нарасад фарёдам.**

**Саъдиё ҳубби ватан гарчи ҳадисест,саҳеҳ,**

**Натавон мурд ба сахтӣ, ки ман ин ҷо зодам.**

Ва ин ҳам як ғазали Ҳофизи малакутӣ бо андак ихтисор, ки фикр мекунам, посухи маро дар ин маврид, ин бузургон беҳтару хубтар гуфтаанд:

**Гар бувад ъумр ба майхона расам бори дигар,**

**Ба ҷуз аз хидмати риндон накунам кори дигар.**

**Хуррам он рӯз, ки бо дидаи гирён будам,**

**То занам об дари майкада як бори дигар.**

**Маърифат нест дар ин қавм худоро сабабе,**

**То барам гавҳари худро ба харидори дигар.**

**Гар мусоъид шавадам доираи чархи кабуд,**

**Ҳам ба даст оварамаш боз ба паргори дигар.**

**Ҳар дам аз дард бинолам,ки фалак ҳар соъат,**

**Кунадам қасди дили реш ба озори дигар.**

**Боз гӯям на дар ин воқеъа Ҳофиз танҳост,**

**Ғарқа гаштанд дар ин бодия бисёри дигар**

Фикр мекунам ба ҳама суолҳоятон посух гуфтам. Боқӣ, умедворам,ки сӯҳбати мо малоли хотири ҳеч нафаре набошад ва дархури завқи хонандагони нуктадон бошад.

**Мусоҳиб Бобоҷони Шафеъ, "Рӯзгор"**

**Бознашр аз ҳафтаномаи «Рӯзгор» №10-11, 12-19 марти соли 2014**